# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика пешниҳод шудааст.

аз 8 апрели соли 2020 ш. Душанбе

Диссертатсияи номзадии Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)” яке аз мавзӯъҳои мубрами журналистикаи муосир буда, мавқеъ ва нақши матбуоти давриро дар инъикоси ҷангҳои иттилоотии замони имрӯз дар мисоли ҳаводиси солҳои 2011-2013-и Миср фаро гирифтааст. Диссертант дар заминаи маводи нашрияҳои даврии Миср, Тоҷикистон ва сомонаҳои интернетии матбуоти Россияву Амрико кӯшиш намудааст, ки нақш ва мавқеи матбуоти давриро дар инъикоси ҷангҳои иттилоотӣ бо назардошти омилҳои таъсиррасон ба аудитория, таносуби мавзӯву муҳтаво, истифодаи жанрҳои публитсистӣ дар инъикоси мавзӯи таҳқиқ ва амсоли инро баррасӣ намояд.

**Аҳаммияти мавзӯи диссертатсияро** дар он метавон нисбат дод, ки он ба яке аз масъалаҳои таҳқиқнашуда бахшида шудааст. Омӯхтани матбуоти даврии кишвари дигар ва муқоиса намудани мундариҷаи он бо нашрияҳои ҳамгун, дар илми журналистикаи тоҷик аз иқдомҳои нахустин маҳсуб мeёбад. Ба ин минвол мавзӯи интихобнамудаи диссертант на танҳо муҳим ва мубрам аст, балки пажӯҳиши он мушкилу заҳматталаб мебошад. Бо вуҷуди ин сатҳи забондонӣ (арабӣ), таҷрибаи рӯзноманигорӣ ва диди илмиву пажӯҳиши ба диссертант имкон додааст, ки мавзӯи интихобнамудаашро ба таври кофӣ таҳқиқ намояд. Дар рафти пажӯҳиш ба ӯ имкон шудааст, ки нақши матбуоти давриро дар инъикоси ҳаводиси Ҷумҳурии Мисри Араб муайян намояд; чун дастгоҳи тарғиботӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ аз ҷониби кишварҳои абарқудрат истифода шудани нашрияҳои давриро собит созад; нақши журналистонро дар муборизаҳои сиёсӣ нишон диҳад; сатҳ ва дараҷаи инъикоси объективонаи ҳаводиси сиёсиро бо усули муқоиса баррасӣ

намояд. Ин ва дигар омилҳо аҳаммияти мавзӯи диссертатсия ва таҳқиқи онро бозгӯ мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқотро бо он асоснок карда метавонем, ки масъалаи нақши воситаҳои ахбори омма, махсусан матбуоти даврӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ то имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Дар диссертатсия бори аввал кӯшиш шудааст, ки доир ба масъалаи истифодаи матбуоти даврӣ ҳамчун дастгоҳи таблиғотӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ, таъсири матбуот ба афкори омма, имконияти жанрҳои публитсистӣ дар инъикос ва баррасии масоили сиёсӣ ва амсоли ин пажӯҳиши мукаммал ба анҷом расад.

Дар диссертатсия аз осори назарии донишмандони ватаниву хориҷӣ ба мисли А. Г. Киселёв, И. И. Засурский, П. Бурде, И. Усмонов, А. Нуралиев, М. Муқимов, М. Муродов, М. А. Абдуллозода ва дигарон истифода шудааст. Ҳамчунин дар рафти пажӯҳиш ба методҳои маърифати назарӣ ва амалии таҳқиқ – таҳлили муқоисавӣ, мушоҳида, хулосабарориҳои индуктививу дедуктивӣ ва натиҷагириҳои оморӣ такя шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ дар се боб ва шаш фасл тасниф шуда, то андозае ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи пажӯҳишро фаро гирифтаанд.

Диссертатсия арзиши баланди пажӯҳишӣ дошта, мазмун ва муҳтавои он ҷанбаҳои назариву амалии журналистикаи тоҷикро ғанӣ мегардонад. Аз натиҷаҳои илмии ҳосилшуда муҳаққиқони журналистикаву публитсистика, рӯзноманигорони байналхалқӣ, коршиносони улуми иҷтимоӣ, масъулони самти сиёсати иттилоотии кишвар, журналистони таҳлилгар истифода карда метавонанд.

Муҳиммият, аҳаммият, навгонӣ ва ҷанбаҳои назарӣ ва амалии диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовнаро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад:

**Хулоса**

1. Диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна дар мавзӯи “Матбуот дар ҷангҳои иттилоотӣ (дар мисоли ҳаводиси Миср солҳои 2011-2013)” дар маҷмӯъ, кори илмии анҷомёфта буда, мундариҷаи он ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика, ки дар Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-022 ба ҳимоя иҷозат медиҳад, мувофиқат мекунад.

2. Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф (17 адад), ки 6-тои он дар маҷаллаҳои илмии ба номгӯи нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомилгардида дохил мебошанд, мазмуни асосии рисоларо инъикос мекунанд.

3. Автореферат ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст.

4. Диссертатсияи Исмоилова Фарзона Қаюмовна барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6DKOA-022 пешниҳод карда шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ муҳаққиқони зерин, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.10 – журналистика мувофиқат мекунад, тавсия карда шавад:

**Хоҷазод Саидмурод** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

**Салимзода Олим** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналхалқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ҳамчун муассисаи тақриздиҳанда тавсия мешавад.

Раиси комиссяи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Муродов

Аъзои комиссияи ташхис:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А. Азимов

доктори илмҳои филологӣ, профессор
узви Шӯрои диссертатсионӣ М. Абдуллозода